Суратмаҷлиси №35

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 16 феврали соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01-уми июли соли 2022, №210/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

Рӯзномаи ҷаласа:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи "Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Саломиён М., аъзои комиссияи экспертӣ Шарифова Ф. ва Раҳмонова Н. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи "Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 –

Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Султон Ҳасан Баротзода –** доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;

- **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович –** доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе;

- **Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедари забонҳои Донишкадаи тарбияи чисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 08.06.2023, соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.